# 272973 - Оё ҳадиси «Ҳамаатон мемиред, вале ҷони некӯкорони шумо зудтар гирифта мешавад» саҳеҳ мебошад?

**савол**

Ман баъзе маърӯзаҳоро гӯш мекардам, ки ҳадиси зерин таваҷҷуҳи маро ба худ ҷалб кард: **«Ҳамаатон мемиред, вале ҷони некӯкорони шумо зудтар гирифта мешавад».** Оё ин ҳадиси саҳеҳ мебошад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**«كُلُّكُمْ تَمُوتُونَ ، وَلَكِن يُعَجَّلُ بِخِيَارِكُمْ»**.

**«Ҳамаатон мемиред, вале ҷони некӯкорони шумо зудтар гирифта мешавад».**

Ҳадиси мазкурро бо ин лафз пайдо накардем.

Аммо наздик ба ин маъно дар ҳадисе омодааст, ки Баззор онро дар "Муснад"-и худ ривоят карда, гуфтааст: Яҳё ибни Муалло ибни Мансур ба мо нақл кард, гуфт: Ҷунода ибни Муҳаммад Димишқӣ ба мо нақл кард, гуфт: Абдулҳамид ибни Ҳабиб ибни Абу-л-ъишрин аз Авзоӣ аз Зуҳрӣ аз Саид ибни Мусаййиб аз Абуҳурайра ба мо нақл кард, гуфт:

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

**«Ҳамоно шумо гулчин карда мешавед, ҳамон гуна ки хурмои хуб аз байни хурмоҳои пастсифат (ва фосиду вайроншуда) гулчин карда мешавад. Некӯкорони шумо (аз ин дунё) мераванд ва бадкорони шумо боқӣ мемонанд. Пас агар битавонед, бимиред».**

Санади ин ҳадис хубу ҳасан аст, ба хотири он ки баъзе аз муҳаддисон ҳифзи Абдулҳамид ибни Ҳабиб ибни Абу-л-ъишринро мавриди баҳс қарор додаанд. Аҳмад, Абузуръа, Абуҳотим

ва Доракутнӣ ӯро мӯътамад донистаанд. Ибни Маъин гуфтааст: Ӯ ишколе надорад. Насоӣ гуфтааст: Ӯ қавӣ нест. Ибни Ҳиббон гуфтааст: Метавонад хато кунад. Ниг: "Таҳзибу-л-камол" (16/420).

Аммо Ҷунода ибни Муҳаммад Димишқӣ бошад, Абуҳотим дар мавриди ӯ гуфтааст: "Ростгӯй". Китоби "Ал-Ҷарҳу ва-т-таъдил" (2/516).

Аммо шайхи Баззор, Яҳё ибни Муалло ибни Мансур бошад, Хатиби Бағдодӣ ӯро дар китоби "Таърихи Бағдод" (16/310) мӯътамад донистааст. Аммо боқимондаи ровиёни санад имомони мӯътамад мебошанд.

Ин ҳадисро бо ин лафз Ибни Моҷа низ дар "Сунан"-и худ (4038) ва инчунин Ҳоким дар "Мустадрак" (7886) ривоят карда, гуфтааст: Санади ин ҳадис саҳеҳ мебошад, вале Бухорӣ ва Муслим онро ривоят накардаанд. Поёни сухан.

Ҳамчунин ба китоби "Саҳиҳ"-и Ибни Ҳиббон (16/208) ва "Ассилсилату-с-саҳиҳа" рақами (1781) руҷӯъ кунед.

Аллоҳ донотар аст.